GEFF Green Economy Financing Facility

European Bank for Reconstruction and Development

ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ САБЗ

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Дар ҳамкорӣ бо:

# ТАҶРИБАҲОИ МУВАФФАҚ БАРОИ ШАРИКОНИ МОЛИЯВӢ

**GEFF Тоҷикистон** барои пешрафти рушди устувор ба бахши хусусӣ маблағҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ пешниҳод мекунад. Деҳқонон ва соҳибкорон дар тамоми занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ метавонанд технологияҳои пурсамарро барои рушди рақобатпазирӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ ҷорӣ намоянд. Маблағҳои грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо пешниҳод шуда, пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, дастрас мегарданд.

## *Роҳбари хоҷагии деҳқонӣ барои диверсификатсияи тиҷорати худ ва афзун намудани даромадаш ба сардхона маблағгузорӣ менамояд*



АБДУЛАЗИЗ ХОЛТУРАЕВ РАИСИ ХД «ЗУХАЛ»

**Абдулазиз Холтураев аз Ҷамоати деҳоти Истиқлоли ноҳияи Спитамен буда, хоҷагии деҳқонии «Зуҳал»-ро, ки соли 2010 таъсис ёфтааст, роҳбарӣ менамояд. Масоҳати хоҷагии деҳқонӣ 10 гектарро ташкил намуда, дар он меваҳо парвариш карда мешаванд. Барои нигоҳ доштани меваҳо деҳқон тасмим гирифтааст, ки барои бунёди сардхона сармоягузорӣ намояд.**

| | |
|---|---|
| ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 8 832 |
| МӮҲЛАТИ БАРГАРДОНИДАН | 3 СОЛ |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 2 649 |
| САРФАИ ЭНЕРГИЯ | 26,3 ГҶ/сол |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 30% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ барои деҳқонон дастрас бошад.

«Барои мо деҳқонон сармоягузорӣ ба сардхонаҳо, барои муддати дароз нигоҳ доштани меваю сабзавот, сармоягузории боэътимод мебошанд. Бо дароз кардани мӯҳлати нигоҳдории меваю сабзавот мо имкон пайдо мекунем, ки ба бозорҳо маҳсулоти хушсифат пешниҳод намоем, зеро талабот ба намуди зоҳирӣ ва таъми маҳсулот ҳамеша муҳим аст. Боз муҳимтар аз ҳама дастрасии доимӣ ба истеъмоли меваю сабзавот мебошад», - гуфт Абдулазиз Холтураев.

# САРДХОНАҲО

## Афзалиятҳо барои деҳқонон:

Имконияти нигоҳ доштани маҳсулот то мавсими муносиби фурӯши он

Имконияти ба иҷора додани сардхона дар сурати набудани маҳсулоти худ

Раванди зуд ва осони сохтмон аз ҳисоби дастрас будани панелҳои сендвичӣ

Ҳарорати мӯътадили бардавоми сардхона дар ҳолати набудани неруи барқ аз ҳисоби изолятсияи хуб.



## ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

### Меъёрҳои мувофиқ:

- ғафсии изолятсия на камтар аз 100 мм
- коэффисиенти иқтидори чиллер>1,78.

### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи GEFF рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

## *Маблағгузорӣ ба техникаи кишоварзӣ меҳнати дастиро кам карда, ҳосилро зиёд мекунад*




ДАДО ОЧИЛОВ
ДИРЕКТОРИ
ООО «ФОРТУНА-КО»

**Дадо Очилов директори ҶДММ «Фортуна-Ко» мебошад, ки соли 1996 таъсис ёфтааст. Дадо Очилов бо мақсади механиконидани хоҷагиаш ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ қарор қабул кард, ки ба трактори YTO EMF 604, дорупошаки васлшавандаи Cosan 400L ва плуги Алпер СП14 истеҳсоли Туркия маблағгузорӣ намояд.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 25 750 | МӮҲЛАТИ БАРГАРДОНИДАН | 3 СОЛ |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 6 106 | САРФАИ ЭНЕРГИЯ | 100 ГҶ/сол |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 30% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ барои деҳқонон дастрас бошад.

«Техникаи кишоварзии ҳозиразамон нисбатан ба техникаи пештара гаронтар аст, вале истифодаи он ба мо барои кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ бо роҳи сарфаи захираҳо ва оптимизатсияи раванди истеҳсолот кӯмак мерасонад», - мегӯяд Дадо Очилов.

## ТЕХНИКАИ КИШОВАРЗӢ

### Афзалиятҳо барои деҳқонон:

- Баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва истеҳсолоти кишоварзӣ барои як корманд
- Кам кардани меҳнати дастӣ тавассути механиконии хоҷагиҳо
- Даромади иловагӣ аз хизматрасонӣ ба хоҷагиҳои дигар
- Афзуншавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии он.



## ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

### Меъёрҳои мувофиқ:

- ҳадди ниҳоии сарфи сӯзишворӣ на бештар аз: 233,570 г/кВт·соат. Стандарти экологии Stage III ва Tier III
- мошинолоти насбшаванда – баҳодиҳии алоҳидагӣ талаб карда мешавад.

### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи **GEFF** рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшудаи корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

## Деҳқон барои азхудкунии заминҳои лалмӣ ба боғи интенсивӣ бо системаи обёрии қатрагӣ сармоягузорӣ мекунад



УСМОНАЛӢ НОРБЕКОВ
РАИСИ
ХД «ПАЙВАНД»

**Усмоналӣ Норбеков 6 соли охир дар хоҷагии деҳқонии «Пайванд», ки падараш соли 2012 таъсис додааст, ҳамчун деҳқон фаъолият мебарад. Ӯ пас аз хатми ДМТ ба усулҳои азхудкунии заминҳои лалмӣ таваҷҷуҳ пайдо кард ва тасмим гирифт, ки бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва васеъ намудани майдони хоҷагиаш, боғи интенсивӣ бо обёрии қатрагӣ бунёд намояд.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 88 558 | ЭРОЗИЯИ ХОК | ПАСТШАВӢ 93% |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 23 910 | САРФАИ ОБ | 68 600 м3/сол |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 30% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ барои деҳқонон дастрас бошад.

«Боғдории интенсивӣ як роҳи муосири парвариши дарахтони мевадиҳанда мебошад, ки мӯҳлати бозгашти кӯтоҳ дошта ва ҳосили баландро дар баробари кам кардани сарфи меҳнат таъмин менамояд. Инчунин системаи обёрии қатрагӣ имкон медиҳад, ки намии хок дар сатҳи оптималӣ таъмин карда шавад ва коркарди замин, дорупошӣ ва ҷамъоварӣ новобаста аз обёрӣ анҷом дода шавад, зеро қитъаҳои байни қаторҳо дар тамоми мавсим хушк боқӣ мемонанд», - гуфт Усмоналӣ Норбеков.

## БОҒҲОИ ИНТЕНСИВӢ

### Афзалиятҳо барои деҳқонон:

- Ҳосилбандии барвақта (баъд аз 1- 2 соли шинониданиниҳол)
- Ҳосил 3-4 маротиба зиёдтар, нисбат ба боғҳои анъанавӣ
- Зичтар шинонидани ниҳолҳо имкон медиҳад, ки дар қитъаи хурди замин бештар онҳоро ҷой диҳед
- Ҳосилбандии барвақт, даромаднокии баланд ва мӯҳлати кӯтоҳи пушонидани хароҷот.



### ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

#### Меъёрҳои мувофиқ:

- боғҳои интенсивӣ
- боғҳои анъанавӣ дар нишебиҳо (>3°).

#### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи GEFF рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

## Деҳқонзан  барои баланд бардоштани ҳосил ва фоида ба гармхо-наҳои бо обёрии қатрагӣ ҷиҳозонидашуда сармоягузорӣ мекунад




**Муяссарахон Юлдошева аз соли 2003 ҳамчун деҳқонзан кор карда, соҳиби 5 гармхона бо масоҳати умумии 400 м2 мебошад, ки дар онҳо 4 нафар аъзои оилааш ва 5 нафар коргарони мавсимӣ фаъолият мебаранд. Муяссарахон Юлдошева барои васеъ намудани тиҷорати худ ба гармхонаҳо ва системаи обёрии қатрагӣ маблағгузорӣ кардааст.**

| | |
|---|---|
| ҲАҶМИ САР-МОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 2 208 |
| МӮҲЛАТИ БАР-ГАРДОНИДАН | 2 ГОДА |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 485 |
| САРФАИ ОБ | 2 429 м³/сол |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 20% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ барои деҳқонон дастрас бошад.

«Гармхонаҳо имкон медиҳанд, ки ҳосили барвақтӣ гирам. Ниҳолҳо аз таъсири манфии муҳити зист ва аз ҳашаротҳои зараррасон муҳофизат карда мешаванд. Ба шарофати гармии нигоҳдошташуда дар дохили гармхона, имкони фароҳам овардани микроиқлими муътадиле, ки ба афзоиши босуръати растаниҳо мусоидат мекунад, имконпазир аст. Инчунин тавассути системаи обёрии қатрагӣ бевосита ба решаи растаниҳо об, маводи ғизоӣ ва ғайраҳо таъмин карда шавад», - гуфт Муяссарахон Юлдошева.

## ГАРМХОНА

### Афзалиятҳо барои деҳқонон:

- Сарфаи захираҳо ва руёнидани ҳосили нисбатан баланд дар муқоиса бо парвариш дар замини кушод
- Имконияти парвариши зироатҳои гуногун, сарфи назар аз ҳавои сард
- Ба даст овардани даромади назаррас аз фурӯш дар мавсими зимистон
- Мӯҳлати кӯтоҳи баргардонидани хароҷот аз ҳисоби фоидаи баланд аз маҳсулоти фурӯхташуда.



### ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

#### Меъёрҳои мувофиқ:

- Ғафсии рӯйпӯши гармхона на кам аз 100 микрон (шиша, полиэтилен, поливинил)
- Масолеҳи каркас: алюминий, пӯлоди галванизатсияшуда (оцинковка).

#### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи GEFF рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшудаи корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

# *Соҳибкор барои қонеъ кардани талаботи аҳолии маҳаллӣ ба таҷҳизоти коркарди гӯшт сармоягузорӣ менамояд*




**Фахриддин Рустамов соҳибкор аз ш.Кӯлоб буда, соли 2007 корхонаи истеҳсоли ҳасиббарориро ташкил намуда аст. Аз он вақт инҷониб ба ӯ муяссар гардид, ки сехи оби нушокӣ ва сехи истеҳсоли равғани пахта кушояд. Ҳамагӣ 64 нафар коргарон аз қабили муҳандисон, технологҳо, бастубандчиён, экспедиторҳо ва ғайраҳо фаъолият намуда, 33 нафарашон коргарони мавсимӣ мебошандӣ.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 44 272 | МӮҲЛАТИ БАРГАРДОНИДАН | 2 СОЛ |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 8 854 | САРФАИ ЭНЕРГИЯ | 175 ГҶ/сол |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 20% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ дастрас бошад.

«Меҳнатталабӣ ва давомнокии раванди коркарди гушт аз иқтидори истеҳсолии таҷҳизоти истифодашаванда вобаста аст. Мо маҳсулоти ҳалол истеҳсол мекунем ва назорат мекунем, ки сикли истеҳсолӣ саривақт корашро ба анҷом расонад. Дар давраи фаъолият таҷҳизоти коркарди гушти мо фарсуда шуда, вақти он расид, ки ба таҷҳизоти муосири замонавӣ иваз намоем. Таҷҳизоти ҳозиразамон аз ҳисоби бартараф намудани вайроншавиҳо эътимоднокии истехсолотро баланд мебардорад. Пас аз иваз кардани таҷҳизот иқтидори истеҳсолӣ ду баробар афзуда, масрафи нерӯи барқ 56% кам шуд» - гуфт Фахриддин Рустамов.

# ТАҶҲИЗОТИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## Афзалиятҳо барои соҳибкорон:

Таҷҳизоти замонавӣ эътимоднокии умумиро тавассути бартараф кардани шикастанҳои банақшагирифташуда, ки бо таҷҳизоти кӯҳна рух доданаш мумкин аст, беҳтар мекунад

Баланд бардоштани маҳсулнокӣ тавассути коҳиш додани вақти корӣ ва самарнокии таҷҳизот

Коҳиш ёфтани хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби сарфаи барқ, инчунин системаҳои пешрафтаи автоматизатсия ва идоракунӣ

Беҳтар шудани рақобат ва васеъ шудани тиҷорат дар занҷираҳои арзиши иловаг шуда дар соҳаи кишоварзӣ.



## ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

### Меъёрҳои техникӣ:

ҳадди ақали сарфаи энергия/об 20% (арзёбии инфиродӣ лозим аст)

### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи GEFF рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

## *Сармоягузорӣ ба қубурҳои пластикӣ ба деҳқон барои васеъ намудани майдони кишт, баланд бардоштани хосилнокӣ ва фоида кӯмак мекунад*




**Нурмат Рахмонов — раиси Х/Д «НОРҚУЛБОБО» мебошад, ки дар ноҳияи Балхи вилояти Хатлон вокеъ аст. Дар ин минтақа иқлим хеле хушк аст ва на ҳамаи хоҷагиҳо имконияти обёриро доранд. Нурмат Рахмонов бо мақсади ҳалли ин масъала ва инчунин азхудкунии заминҳои лалмӣ қарор дод, ки ба воситаи қубурхои обьёрӣ об гузаронад. Вай ба яке аз бонкҳои шарики БАТР барои гирифтани қарз ба маблағи 5310 доллари ИМА муроҷиат карда, онро барои қубурҳои обёрӣ сармоягузорӣ мекунад.**

| | |
|---|---|
| ҲАҶМИ САРМОЯГУЗОРӢ | $ ИМА 5 310 |
| МӮҲЛАТИ БАРГАРДОНИДАН | 2 СОЛ |
| МАБЛАҒИ ГРАНТ | $ ИМА 1 062 |
| САРФАИ ОБ | КАМШАВӢ 30% |

Мавҷудияти ҳавасмандкунии грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 20% имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ дастрас бошад.

«Обёрӣ дар баробари мавҷуд будани равшанӣ ва гармӣ барои хоҷагии қишлоқ муҳим мебошад. Дар ноҳияи мо боришот на ҳамеша зироатҳоро бо намии кифоя таъмин мекунад, бинобар ин аксар киштзорҳои хоҷагӣ ба обёрии сунъӣ эҳтиёҷ дорад. Қубурҳои пластикӣ ҳалли беҳтарин мебошанд. Онҳо дастрас, насб намуда нашон осон, мустаҳкам ва дарозмӯҳлат истифодашаванда мебошанд" - гуфт Нурмат Раҳмонов.

# ҚУБУРҲОИ ПЛАСТИКӢ

## Афзалиятҳо барои деҳқонон:

Қубурҳо аз полипропилен назар ба пӯлод сабуктар ва мустаҳкамтаранд

Қубурҳо ба коррозияи кимиёвӣ ва электрокоррозия дучор намешаванд, ҳангоми обёрӣ тамбашавӣ ва ифлосшаӣ камтар дида мешавад

Ҳангоми об ях кардан, намекафанд

Арзон ва устуворанд.



## ТАЛАБОТҲОИ ТЕХНИКӢ

### Меъёрҳои техникӣ:

- 20% сарфаи об
- қубури пластикӣ (диаметри на камтар аз 50 мм)

### Ҳуҷҷатҳо барои пардохти маблағҳои грантӣ

- шартнома
- ҳисобномаи пардохтшуда
- расидхат ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи **GEFF** рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод мусоидат намояд.

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.

# СЕЛЕКТОРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ САБЗ

## *СЕЛЕКТОРИ ТЕХНОЛОГИҲОИ САБЗ*

-платформаи глобалии услуби харид мебошад, ки таҳвилкунандагони технологияҳои беҳтарини сабзро бо корхонаҳои пешрафта ва хонаводаҳо мепайвандад.

Ин платформаи нави глобалӣ ва воситаест, ки барои муайян намудани технологияҳои барои маблағгузории GEFF мувофиқ кӯмак мерасонад. Селектори Технологияҳои Сабз (СТС) – ин рӯйхати технологияҳои дастрас ва мувофиқ мебошад, ки ба талаботҳои ҳадди ақали маҳсулнокӣ ҷавобгӯ буда, бо ин роҳ сарфаи захираҳоро дар муқоиса бо технологияҳои айни замон васеъ истифодашаванда таъмин менамояд.

**Селектори Технологияҳои Сабз -** ин рӯйхати технологияҳо ва маҳсулотҳоеро, ки дар шароити бозори маҳаллӣ «нисбатан пурсамар» эътироф гардидаанд ва раванди тасдиқи қарзро барои **Шариконии Молиявӣ беҳтар ва осон гардонида, мутобиқати лоиҳаро ба талаботҳои лоиҳа бе зарурияти санҷишҳои минбаъда ба таври автоматӣ таъмин менамояд.**

## СТС дар Тоҷикистон



**1945** технологияҳои сабз

**171** таҳвилгарон

**15** категория

## Намунаҳои технологияҳо дар СТС:




Зеркашӣ намудани дастурамалҳо бо воситаи QR:

Роҳнамо барои бақайдгирии таъминкунандагон:

Дастурамал:

Брошюраи умумӣ дар бораи СТС:

**Селектори Технологияҳои Сабз** ҳамчун барномаи пешрафтаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст, ки ташкилотҳои молиявиро дар рушди иқтисодиёт дастгирӣ мекунад, то сармоягузориҳояшонро ба лоиҳаҳои сабз густариш диҳанд.

Шарикони молиявии БАТР - бонкҳо, ширкатҳои лизингӣ, ташкилотҳои қарзии хурд - СТС-ро ҳамчун воситаи баҳодиҳии техникӣ барои таҳияи маҳсулоти молиявии сабз истифода мекунанд.

АФЗАЛИЯТҲО БАРОИ ШАРИКОНИ МОЛИЯВӢ:

- ТАРТИБИ СОДДА ВА ДАСТРАС
- НАЗОРАТИ ОСОН
- ҲАМКОРИИ МУФИД БО ТАҲВИЛКУНАНДА
- НИГОҲ ДОШТАНИ ИМИҶИ УСТУВОР

## **СТС** ҲОЛО ТАВАССУТИ БАРНОМАИ МОБИЛИИ **«TECH SELECTOR»** ДАСТРАС АСТ.

Технология ва рақамисозӣ тағйироти тарзи фаъолияти бахши молияро идома медиҳанд. Барномаҳои инноватсионии технологияҳои рақамӣ барои хидматҳои молиявӣ, ба монанди Tech Selector интерфейси байни ташкилотҳои молиявӣ ва мизоҷони онҳоро тағйир медиҳанд ва инчунин дастрасиро ба иттилоот дар бораи технологияҳои сабз ва маблағгузории иқлим беҳтар мекунанд.

Корхонаҳо ва хонаводаҳо бо смартфонҳои худ беш аз 37 000 технологияи сабзро, ки самаранокии энергияро беҳтар намуда, энергияи барқароршавандаро таъмин менамоянду, истифодаи об ва эрозияи хокро коҳиш медиҳанд, метавонанд дарёфт намоянд.




Барномаи мобилии Tech Selector

Зеркашӣ намудани барномаи мобилии Tech Selector бо воситаи QR:

## ЧӢ ТАВР БОЯД АРИЗА ДОД:

**GEFF** тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ маблағгузориро амалӣ менамояд.

Барои маълумоти иловагӣ ба вебсайти мо ташриф оред ё ба воситаи QR дохил шавед:

ebrdgeff.com/tajikistan

## ТАМОС БО GEFF:


Суроға :
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии "Вефа Центр", утоқи 802

tajikistan@ebrdgeff.com

www.ebrdgeff.com/tajikistan

+992 93 433 90 01



Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP
ENHANCED COMPETITIVENESS OF TAJIK AGRIBUSINESS PROJECT

Дар ҳамкорӣ бо:

GREEN CLIMATE FUND